**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**Тақризи**

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои фалсафа, профессор Қаҳҳоров Ғаюр Ғафурович доир ба диссертатсияи Зайналов Қурбон Мирзоевич дар мавзуи «Таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11-Фалсафаи иҷтимоӣ.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Зайналов Қурбон Мирзоевич аз рӯйи мазмуну мундариҷа ба шиносномаи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ, ки он дар шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот бо гузориши саволҳои моҳияти фалсафӣ ва бунёдидошта Барои чӣ дунё тавре сохта шудааст, ки дар он пайдоиш ва мавҷудияти инсон имконпазир гардидааст? Чӣ тавр инсон ва Олам, макрокайҳон ва микрокайҳон таносуб доранд, то чӣ андоза онҳо ҳамандозаанд? Пайдоиши ҳаёт ва одам моҳияти кайҳонӣ дорад ё танҳо ба сайёраи замин хос аст? ва ғайра тасдиқ мешавад. Саволҳои мазкур ва дигар андешаронӣ оид ба микрокайҳон ва макрокайҳон, инсон ва Олам, вобастагии мутақобилаи инсон ва Кайҳон, моддӣ ва маънавӣ, ғайризинда ва зинда, физика ва биология бевоиста ба доираи масъалаҳои принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулотгароӣ алоқаманд мебошанд. Аз тарафи дигар, принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулотгароӣ саҳми худро дар муҳокимаи масъалаҳои ҷаҳонбинӣ гузошта истодаанд, ки яке аз мавзуҳои марказии манзараи муосири илмии оламро ташкил додаанд. Ҳамзамон муҳиммияти таҳқиқи мазуъ дар он ифода меёбад, ки гузариши биосфераро ба зинаи нави таҳаввулоти худ – ноосфера фаро гирифта, муҳимияти коркарди асосҳои иҷтимоӣ-фалсафии назарияи ноосфера ва илми нави ноогеникаро илман асоснок намудааст.

Диссертатсия аз ду боб ва шаш зербоб иборат буда, дар он пайдарҳамии мантиқии мавзуҳо ва масъалаҳо риоя гардидааст. Дар боби

якум пайдоиши ақидаҳои антропӣ дар таърихи афкори фалсафӣ, навъҳо ва тафсирҳои гуногуни принсипи антропӣ, принсипи антропӣ ва масъалаи мушоҳидачӣ, дар боби дуюм бошад масъалаҳои таносуби принсипи антропӣ бо ғияҳои таҳаввулотгароии глобалӣ, принсипи антропӣ ва масъалаи дастаи Оламҳо (Мултиверс), принсипи антропӣ ва муҳиммияти коркарди асосҳои иҷтимоӣ-фалсафии назарияи ноосфера таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгониҳои илмии таҳқиқот бевосита аз нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда бармеоянд. Диссертант муайян намудани мақоми принсипи антропӣ, ғояи таҳаввулоти глобалӣ ва назарияи ноосфераро дар низоми донишҳои фалсафӣ ва мушаххаскунии алоқаи мутақобилаи онҳоро дар аснои дастовардҳои илми муосир ҳадафи асосии таҳқиқот қарор дода, вазифаҳои мушаххас гузоштааст. Дар ин замина, бо интихоби дастгоҳи дурусти методологӣ, аз ҷумла такя ба методологияи диалектикӣ, детерминизми кайҳонӣ, синергетикӣ, ақидаи назарияи худташаккулшёбӣ, ғояи худҳаракаткунии материя, таҳаввулоти умумӣ, ноосферогенез ва ғайра аз уҳдаи вазифаҳои гузошташуда баромадааст.

Дар таҳқиқоти мазкур мафҳум ва моҳияти принсипӣ антропиро аз нуқтаи назари фалсафӣ-иҷтимоӣ таҳлил намуда, дар доираи илми ватанӣ бори нахуст мазмуни таҳаввулотӣ таърихӣ, методологӣ, ҷаҳонбинӣ, байнифаннӣ, антропокайҳонӣ, антропоэкологӣ ва арзишии принсипи антропӣ ва таҳаввулоти глобалиро муфассал баррасӣ намуда, асоснок намудааст, ки принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ самтҳои афзалиятноки таҳқиқи манзараи илмии оламро ташкил медиҳанд. Дар кори илмӣ-таҳқиқотӣ 271 адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳо истифода шудаанд, ки 29 адади он бо забони англисӣ мебошад.

Дар доираи мазмуни фалсафӣ ва илмӣ-табиӣ оид ба робитаи принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ бо назарияи таҳаввулотии В.И. Вернадский оид ба гузариши зисткурра ба ноосфера (курраи хирад) – ноогенез таҳқиқоти инноватсионӣ гузаронида, асоснок намудааст, ки ҷомеаи муосир бояд бо роҳи самти нав дар ҳамбастагии инсон бо табиат ва зисткурра ва гузариш ба курраи хирад пеш равад. Илова ба ин, зарурати кор карда баромадани илми нав таҳти унвони ноогеникаро асоснок намуда, таъкид менамояд, ки имрӯз инсоният бояд дар иҳотаи проблемаҳои умумибашарӣ зиндагӣ карданро омӯзад, вагарна ӯ бо қадамҳои бехтиётона худро ба нестӣ хоҳад бурд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот бевосита аз нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда бармеоянд. Дар таҳқиқоти мазкур мафҳум, моҳият, хусусият ва сарчашмаҳои ба вуҷудоии принсипӣ антропиро асоснок менамояд, ки муҳтавои таҳқиқоти илмиро пурра ифода мекунад.

Мафҳумҳои Кайҳон, инсон, табиат, руҳ, хирадро яке аз мафҳумҳои бунёдӣ дар таърихи афкори фалсафӣ баррасӣ намуда, ба мавҷуд бадани тасаввурот дар бораи ҳастӣ, Олам, мавҷудот, Кайҳон, одам, аз ҷумла, доир ба дар тартибу ҳамоҳангӣ вуҷуд доштани инсон бо кайҳони том дар таърихи афкори фалсафии Юнони бостон ва дар фалсафаи асрҳои миёна ишора намудааст. Дар ин замина, қайд менамояд, ки доир ба фаҳмиши илмии масъалаи зикргардида ҳоло фосилаи муайянеро тай намудан лозим буд. Танҳо дар замони нав (асрҳои XVII-XVIII) фаҳмиши илмии Кайҳон ва мақоми инсон дар он дар доираи инқилобҳои нави илмӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад.Ташаккули инқилоби муосири илмиро дар охири асри XX ва ибтидои қарни XXI, ки он илми баъдиғайриклассикиро ба вуҷуд овардааст, зикр намуда, чунин хулоса менамояд, ки агар дар илми ғайриклассикӣ таҷдиди таърихӣ дар илмҳои фалсафа, иҷтимоӣ-гуманитарӣ, таърих, фарҳангшиносӣ ва амсоли онҳо истифода шуда бошанд, пас, дар марҳалаи баъдиғайриклассикии он донишҳои кайҳоншиносӣ, астрофизика, физикаи зарраҳои элементарӣ, генетикаи молекулявӣ, информатика, технология ва ғайра истифода бурда шуда истодааст. Хусусияти муҳими инқилоби илмии муосир аз он иборат аст, ки дар 10-15 соли охир кайҳоншиносӣ, астрофизика ва информатика ҳамчун фанҳои моҳияти ҷаҳонбинӣ ва фалсафидошта пешниҳод гардидаанд. Инкишофи фанҳои мазкур ногузир ба гузориши масъала оид ба пайдоиши ҳаёт дар Кайҳон ва фаҳмиши таносуби принсипи антропӣ бо ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ дар фалсафа ва илми муосир оварда расонидааст.

Илова ба ин дар диссертатсия принсипи антропӣ на танҳо ҳамчун принсипи кайҳоншиносӣ, астрофизикӣ, дар умум табиатшиносӣ маълум мегардад, балки аз ҳудуди он берун, аз ҷумла, дар методологияи илмӣ, илмҳои фалсафа ва иҷтимоӣ-гуманитарӣ мавриди истифода қарор мегирад. Дар ин замина диссертант тамоюли ҳамбастагии байнифаннӣ (интегратсия)-и илмҳо, ки дар он фалсафа нақши калидиро ишғол менамояд, бо далелҳои илмӣ асоснок намудааст.

Андешаи олимон ва мактабҳои гуногунро дар баробари мавҷуд будани ақидаи ягонаи умумиэътирофӣ оид ба принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ қиёс намуда, зарурати коркарди назарияи умумитаҳаввулотии глобалӣ (НУТГ)-ро ба миён мегузорад, ки метавонад

ҳама давраҳои таърихии таҳаввулотро дар Олам тавсиф намояд. Дар ин замина, ақидаи олимонро оид ба ғояи вуҷуд доштани дастаи коинотҳо – «Мултиверс» ҷонибдорӣ намуда сохтори онҳоро ба шарҳи фарзияи бисёрҷаҳонии назарияи квантӣ асоснок менамояд.

Зарурати коркарди асосҳои иҷтимоӣ-фалсафии назарияи нави ноосфера (курраи хирад)-ро асоснок намуда, диссертант зикр менамояд, ки имрӯз зарурати гузариши тамаддуни муосири инсонӣ дар ягонагӣ бо зисткурра (биосфера) ба зинаи нави таҳаввулот – ноосфера бавуҷуд омадааст. Дар доираи илми асри XXI бошад, кор карда баромадани илми нави ноогеника (таълимот дар бораи ноогенез), ки муҳаққиқон принсипи марказии онро хираднокӣ номидаанд, аҳамиятнок гардидааст. Аксарияти муҳаққиқон дар он ақидаанд, ки маҳз дар асоси принсипҳо ва қонунҳои илми нави ноогеника паст намудани шиддати омили антропогенӣ (таъсири гуногуни инсон ба зисткурра), пешгӯӣ намудани наҷоти инсоният аз хавфи ҳалокатовари мушкилоти умумибашарӣ имконпазир мегардад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии гузаронидашударо асоснокии методологии муқаррароти ибтидоии назариявӣ, мувофиқати усулҳои таҳқиқот ба ҳадафҳо ва вазифаҳои он, инчунин, истифодаи усулҳои диалектикӣ, объективӣ, таърихӣ, мантиқӣ ва муқоисавӣ таъмин намудааст. Манбаъ ва заминаи таҳқиқотро асарҳо, корҳои илмии олимон дар шакли монографияҳо ва мақолаҳои илмӣ ташкил медиҳанд, ки ба мавзуи таҳқиқот робитаи бевосита доранд.

**Аҳаммияти назарияви ва амалии натиҷаҳои диссертатсия.**

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки дар он маводи васеи фанҳои физика, астрофизика, кайҳоншиносӣ, астрономия, биология, антропология, синергетика мавриди истифода қарор гирифта, тамоюли байнифаннӣ, мақоми фалсафӣ ва методологии принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулоти глобалӣ дар низоми манзараи илмии олам асоснок карда шудааст. Натиҷаҳои бадастомада барои муайян намудани ҳамбастагии табиати зинда ва ғайризинда, паҳн гардидани ҳаёт дар Коинот, таносуби инсон ва Коинот, мавҷудияти дастаи коинотҳо – Мултиверс, барои коркарди назарияи ноосфера имкон медиҳанд. Аҳамияти иҷтимоии диссертатсия дар он ифода меёбанд, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун дастурамал барои бо роҳи самти нав дар ҳамбастагӣ, ҳамҷӯрии инсон бо табиат ва

зисткурра ва гузариш ба курраи хирад пеш рафтани ҷомеаи муосир мусоидат намоянд. Инсоният бояд дар иҳотаи проблемаҳои умумибашарӣ зиндагӣ карданро омӯзад, вагарна ӯ бо қадамҳои беҳтиётона худро ба нестӣ хоҳад бурд. Вобаста ба ин, маводи рисола метавонад барои паст намудани шиддати омили антропогенӣ ва пешгирии авҷгирии бухрони экологӣ истифода шавад. Инчунин, аҳамияти илмӣ-назариявии таҳқиқоти пешниҳодшуда боз дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқотро метавон барои коркарди минбаъдаи манзараи илмии олам ва сохтори он, зимни таълими фанҳои фалсафа, фалсафаи илми муосир, консепсияи табиатшиносии муосир, фалсафаи экология, антропология истифода бурд.

Ҳамзамон, диссертант дар асоси таҳлили илмӣ ва хулосаҳои илмии хеш ҳафт тавсияҳо пешниҳод намудааст, ки бори аввал мазмуни таърихӣ, таҳаввулотӣ, методологӣ, ҷаҳонбинӣ, байнифаннӣ, антропокайҳонӣ, антропоэкологӣ ва арзишии принсипи антропӣ ва таҳаввулоти глобалӣ муфассал баррасӣ гардидааст, ки барои илми ватанӣ ва ҷаҳонӣ заминаи нав буда, ин натиҷаҳо мебояд ҳангоми таълими фанҳои фалсафӣ истифода шаванд.

Бояд гуфт, ки хулосаҳои рисола аҳамияти баланди илмӣ дошта, дар таҳияи китобҳои дарсӣ, монографияҳо, консепсяҳои илмӣ-методологӣ ҳамчун заминаи боэътимод метавонанд истифода шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Вобаста ба мавзуи диссертатсияи худ, муаллиф 6 мақолаи илмӣ нашр намудааст, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд. Инчунин доир ба мавзуи таҳқиқотӣ довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар як конференсияи ҷумҳуриявӣ ва як конференсияиилми-назариявии ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯён дар шаҳри Кӯлоб маърӯза намудааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои муаллиф дарҷ гардидаанд.

Равиши пайдарҳамии мантиқии фикр дар ҳама қисматҳои диссертатсия мушоҳида шуда, андешаҳои муаллиф илман асоснок мебошанд. Бо назардошти ҳамин хусусият, диссертатсияро кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи Зайналов Қ.М. баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки баррасии онҳо барои такмили корҳои имлӣ-таҳқиқотии ояндаи диссертант мусоидат менамоянд:

1. Зимни таҳлилу баррасии навъҳои камқувват ва пурқуввати принсипи антропӣ ба кадом назария ҷонибдор будани муаллиф ва ба

кадом маънӣ бартариятнок донистани мақоми инсон дар Коинот норавшан боқӣ мондааст.

2. Диссертант таъкид менамояд, ки бе риояи принсипи хираднокӣ, ҳифзу нигоҳдории ҳаёт ва зоти инсонӣ дар сайёраи Замин номумкин аст. Шубҳае нест, ки дар илми муосир омӯзиши раванди ноогенез дар асоси принсипҳо ва қонунҳои илми нави ноогеника барои паст намудани шиддати омили антропогенӣ ва пешгӯӣ намудани наҷоти инсоният аз хавфи ҳалокатовари мушкилотҳои умумибашарӣ имконпазир гардад. Давр ин замина, хуб мешуд, ки асосҳои назарияӣ, амалӣ ва иҷтимоии коркарди илми нави ноогеникаро муффасалтар баён мекард.

3. Диссертант дар доираи таҳқиқот аз афкори илмӣ-фалсафии олимони ватанӣ кам истифода бурдааст.

4. Дар матни диссертатсия камбудиҳое дида мешаванд, ки хусусияти техникӣ, имлоӣ ва услубӣ доранд.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки камбудиҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии диссертатсияро кам намекунанд. Диссертатсия таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфтаи муҳаққиқ буда, дорои навгониҳои илмӣ ва амалӣ мебошад.

**Мувофиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқарраргардида.**

Диссертатсияи Зайналов Қурбон Мирзоевич дар мавзуи «Таҳлили илмӣ-фалсафи ва иҷтимоии принсипи антропӣ" бо риояи талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровард шудааст. Дар муқаддимаи диссертатсия ҳамаи бандҳои пешбинишуда мавҷуданд, номгӯи адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда тибқи муқаррароти расмӣ таҳия шудаанд. Матни диссертатсия бо риояи қоидаҳои сарфу наҳви забони тоҷикӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи пурраи таҳқиқотро дарбар мегирад. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи кишвар чоп намудааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои муаллиф инъикос гардидаанд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он бо ихтисоси илмии 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) мутобиқат менамояд. Дар диссертатсияи барои ташхис пешниҳодшуда объект ва предмети таҳқиқот ба таври дуруст интихоб гардидаанд. Мақсади таҳқиқот ва вазифаҳои он возеҳу равшан мебошанд ва бо предмети таҳқиқот алоқамандии бевосита доранд. Мақсад ва вазифаҳое, ки дар назди муаллиф гузошта шудаанд, пурра иҷро гардидаанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Зайналов Қурбон Мирзоевич дар мавзуи «Таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) таҳқиқоти мустақилона анҷомёфта ба шумор рафта, барои омӯзиши минбаъдаи принсипи антропӣ ҳамчун алоқаи

байни инсон ва Кайҳон ва коркарди назариявию методологии он дар илмҳои фалсафии ватанӣ саҳми арзанда мегузорад. Диссертатсия аз рӯйи мубрамият ва сатҳи таҳияи худ ба талаботи бандҳои 31-33 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии Шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ Қаҳҳоров Ғ.Ғ.

**Суроғаи муқарриз:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+992) 937-74-59-00.

Имзои Қаҳҳоров Ғ.Ғ.-ро тасдиқ менамоям:
Нозири калони Шуъбаи кадрҳои ИФСҲ ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ Абдураҳмонзода Б.А.

«29» 04 2024 с.